# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст.**

Мавзуи диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба пажӯҳиши яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи инсон бахшида шуда, дар заминаи таҳқиқоти суратгирифта хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ манзур шудаанд. Андешаи ҳуқуқи инсон дар фарҳанги ҳуқуқии миллати тоҷик дорои решаҳои амиқи таърихӣ буда, аз давраҳои қадим оғоз гардида, дар асрҳои миёна мавриди такмил қарор гирифтааст. Таҳқиқоти илмии таҳаввули ин андеша на танҳо барои дарки таърихи ҳуқуқи миллӣ аҳаммияти илмӣ дорад, балки барои таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд ва ҳифзи арзишҳои инсонӣ дар ҷомеаи муосир низ муҳим мебошад.

Аҳаммияти таҳқиқи илмии таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик чунин ифода меёбад, ки решаҳои таърихии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар тамаддуни тоҷикон ошкор карда шаванд. Бар хилофи ақидаҳое, ки ҳуқуқи инсонро танҳо маҳсули тамаддуни ғарбӣ мешуморанд, таҷрибаи таърихии халқи тоҷик нишон медиҳад, ки унсурҳои муҳимми ҳифзи шаъну шарафи инсон, адолат ва баробарӣ дар анъанаҳои қадимии тоҷикон вуҷуд доштаанд. Зимнан, таҳқиқоти ин масъала барои рушди худшиносии миллӣ аҳаммияти бузург дорад. Зеро шинохти мероси ҳуқуқии ниёгон ба таҳкими ифтихори миллӣ ва идомаи анъанаҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Дарвоқеъ, таҳқиқи ин мавзуъ имконият медиҳад, ки аз таҷриба ва техникаи ҳуқуқэҷодкунии ниёгонамон илҳом гирифта, барои такмили қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо истифода намоем.

Бо дарназардошти таҷрибаи таърихӣ метавон арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар низоми ҳуқуқии имрӯза мутобиқ сохт. Дар даврони қадим, махсусан дар замони давлатҳои бостонии ориёӣ, унсурҳои аввалияи ҳуқуқи инсон дар шакли меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ инъикос ёфта буданд. Таълимоти дини зардуштӣ, ки дар китоби муқаддаси Авесто таҷассум ёфтааст, ба адолат, ростқавлӣ ва эҳтироми инсон аҳаммияти махсус медод. Ҳамзамон, дар амал татбиқ намудани шиори “гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек” барои ниёгони мо ҳанӯз аз аҳди қадим равшан буд. Инчунин, дар ин давра, ҳарчанд ҳуқуқи инсон дар шакли муосири худ

вуҷуд надошт, вале ғояҳои ҳифзи ҳаёт, моликият ва шарафи инсон ҳамчун меъёрҳои ахлоқӣ пазируфта шуда буданд.

Дар асрҳои миёна бошад, таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон зери таъсири омилҳои динӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ идома ёфт. Бо густариши ислом, арзишҳои ҳуқуқӣ мазмуни нав пайдо карданд.

Имрӯз масъалаи ҳуқуқи инсон дар маркази сиёсати давлатӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ қарор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ қарор додааст.

Дарвоқеъ, таҳқиқоти анҷомшуда, пажӯҳиши нодир дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, имкон медиҳад, ки баҳри инкишофи шуури миллӣ-ҳуқуқӣ бо фарогирии пешниҳодҳои илмии мушаххаси унвонҷӯ кӯмак намояд. Бе шак, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти бузурги назариявӣ доранд, балки дар амалия низ метавонанд мавриди истифода қарор бигиранд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва назариявӣ аҳаммияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва назарӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқ мақсад ва вазифаҳоеро, ки дар диссертатсия гузоштааст, муваффақона ба даст овардааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо нуктаҳои барои ҳимоя баровардашуда алоқамананданд. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи диссертатсия комилан мувофиқ буда, унсурҳои зарурирo дар бар мегирад.

Аз таҳлил ва барассии ҳамаҷонибаи автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи усулҳои илмӣ ва таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳои пешниҳодшуда таҳия гардидааст. Дар зимн, автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Дар асоси андешаҳои зикргардида метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола аҳаммияти муҳимми назарӣ, илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар баробари муваффақиятҳо, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллифи рисолаи илмӣ нахустин ҳуқуқшиноси татбиққунандаи адолатро дар сарзамини тоҷикон – Урвахшайя муаррифӣ кардааст, аммо дар матни таҳқиқоти илмӣ он ба таври пурра мавриди таҳлил қарор нагирифта, хусусиятҳои тадбиқи адолати судӣ дар он ба таври кофӣ муайян нагардидаанд. Хуб мешуд, муҳаққиқ зимни таҳқиқотҳои баъдӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд. Масъалаи мазкур хусусияти баҳсталаб дорад ва ба мазмуни сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад, балки гувоҳи аз мубрамият доштани мавзуи таҳлилшаванда медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Холиқзода Омина Абдулваҳоб ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна» қобилияти баланди илмӣ ва эҷодкорӣ нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кучаи Асаддулло Ғуломов 13,
Тел.: (+992 93) 510-77-11
E-mail: bobojonov_i@mail.ru


**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.


**Суроғаи муассиса:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19,
Тел.: +992(37) 221-65-85.
E-mail: idh@mail.ru


«04» 04 соли 2026